**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

**аз «1» 01 соли 2021 № 3/ди ш. Душанбе**

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Тоҳирҷонов Беҳрӯз Тоҳирҷонович дар мавзӯи «Совершенствование управления воспроизводством и использованием трудовых ресурсов в сельской местности» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти меҳнат), бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 10, 11 ва 16 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Тоҳирҷонов Беҳрӯз Тоҳирҷонович рад карда шавад.

3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Тоҳирҷонов Беҳрӯз Тоҳирҷонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (суратҷаласа аз 10 декабри соли 2020, № 8) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, протоколи №6.

Раис А.Розиқзода